**Номгӯи**
**савол ва ҷавобҳои мунтазам аз ҷониби соҳибкорон пешниҳодшуда доир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда»**

1.Савол?

Дар сурати тибқи патент фаъолият намудан, мо метавонем, ки аз коргари кироя ба истилоҳ ёрдамчӣ истифода намоем?

**Ҷавоб:**

Мутобиқ ба банди 14 Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда (минбаъд- «Қоидаҳо») соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, ҳангоми амалӣ намудани фаъолият наметавонанд аз коргари кироя ва ё аз хизмати ёрдамчӣ (шогирд) истифода намоянд. Дар сурати ошкор сохтани кори кироя ва ё истифдаи ёрдамчӣ фаъолияти чунин ғайриқонунӣ ҳиосбида шуда тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбаташ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 16 Кодекси андоз шахси воseие, ки кори кирояро иїро карда буд, иїро карда истодааст ё минбаъд иїро мекунад, дар Кодекси андоз «корманд» ва шахсе, ки iassи хизматрасонии чунин шахсро мепардозад «корфармо» номида мешавад ва чунин пардохт «музди меiнат» ба ҳисоб меравад.

2.Савол?

Дар сурати тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият намудан, истифодаи дастгоҳи назорати хазинавӣ ҳатмӣ мебошад?

**Ҷавоб:**

Тибқи талаботи моддаи 85 Кодекси андоз ва қарори мазкур истифодаи дастгоҳҳои назорати хазинавӣ (минбаъд- «ДНХ») барои соҳибкорони аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда танҳо нисбат ба он соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар нуқтаҳои статсионарӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти дар банди 5 пешбинишуда амалӣ менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

Дигар соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунандае, ки фаъолияти худро дар растаҳо ва нуқтаҳои сайёр амалӣ менамоянд, истифодаи ДНХ ҳатмӣ намебошад.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи ДНХ барои соҳибкорони аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда бо мақсади муайян намудани ҳадди даромад ҷиҳати гузаштан аз дигар шаклҳои андозбандӣ ба ҳисоб меравад.

3. Савол?

Ман ба таъмири воситаҳои нақлиёт машғул мебошам ва нуқтаи фаъолияти мо аз масоҳати муқарраршуда зиёд мебошад. Оё ман метавонам тариқи патент фаъолияти худро идома диҳам?

**Ҷавоб:**

Мутобиқ ба банди 13 номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории амалишаванда, ки бо замимаи 5 қарори мазкур тасдиқ гардидааст, фаъолият доир ба таъмири воситаҳои нақлиёт аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус пешбинӣ гардида, барои амалӣ намудани фаъолияти мазкур масоҳати ҷойи фаъолият ба инобат гирифта нашудааст.

Яъне, тибқи тартиби нав новобаста аз масоҳати нуқтаи фаъолият Шумо метавонед, бо риояи шартҳои муқарраршуда фаъолияти минбаъдаи худро тариқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба роҳ монда ҳисоб ва пардохти андозҳоро сари вақт ба буҷет таъмин намоед.

**4.Савол?**

Тибқи тартиби нав кафшергар минбаъд дар кадом шакл фаъолияти худро ба роҳ мемонад?

**Ҷавоб:**

Тибқи тартиби нав фаъолиятҳои кафшергарӣ, сохтани дарвоза ва панҷараҳо аз номгӯи фаъолиятҳои соҳибкории бо патент амалишаванда хориҷ гардида, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монда мешавад.

Бинобар ин, Шуморо зарур аст, ки фаъолияти соҳибкориии худро аз рӯи патент қатъ намуда, фаъолияти минбаъдаи худро тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монед.

**5.Савол?**

Ҳангоми гузаштан ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар нуқтаи статсионарӣ мо уҳдадор гардидем, ки аз ДНХ истифода намоем. Дар сурати истифода накардан оё нисбати мо низ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад?

**Ҷавоб:**

Дар воқеъ, тибқи талаботи моддаҳои 85 ва 397 Кодекси андоз ва барои соҳибкорони аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунандае, ки фаъолияти худро дар нуқтаҳои статсионарӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти дар банди 5 пешбинишуда амалӣ менамоянд, истифодаи ДНХ барои ин соҳибкорон ҳатмӣ буда, амалан дар фаъолияти субъектҳои мазкур аз санаи 01.01.2023 татбиқ карда мешавад.

Зимнан қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи муқаррароти моддаи 397 Кодекси андоз нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар ҷойҳои ғайристатсионарӣ фаъолият менамоянд ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз 1-уми январи соли 2023 татбиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар сурати бе сабабҳои узрнок мунтазам истифода накардани ДНХ бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо мақомоти андоз дар фаъолияти ин соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тибқи тартиби муқаррааргардидаи қонунгузорӣ баъд азх мавриди амал қарор гирифтан чораҷӯӣ менамояд.

**6. Савол?**

Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз ҷониби соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда минбаъд чи хел мешавад мо низ ба пешниҳоди электронии ҳисобот хоҳем гузашт ва ё дар шакли коғазӣ пешниҳод менамоем.

**Ҷавоб:**

Тибқи талаботи банди 32 Қоидаҳои мазкур ба соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус ҳангоми амалӣ фаъолият метавонанда, то 2 корманди кирояро дар асоси шартнома ҷалб намояд.

Яъне, ҷалби корманди кироя чунин соҳибкори инфиродӣ уҳдадор мебошад, ки вобаста ба шумораи кормандон ва музди меҳнати пардохтшуда ҳар моҳ то санаи 15-уми моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ ба мақомоти андози маҳалли фаъолият дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пешниҳод намуда, дар ҳамин муҳлат пардохти маблағи ҳисобшудаи андозҳои мазкурро ба буҷети давлатӣ таъмин намояд.

**7.Савол?**

Дукони ман 15м$^2$ –ро ташкил медиҳад, ба хариду фурӯши молҳои саноатӣ машғул мебошам, фаъолияти минбаъдаи ман тариқи патент ва ё шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба роҳ монда мешавад?

**Ҷавоб:**

Тибқи тартиби нав ба истиснои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва дигар хизматрасониҳои алоҳида, ки нисбатан намудҳои фаъолияти камдаромад эътироф мешаванд, бо патент боқӣ монда, дигар намудҳои фаъолиятҳо аз ҷумла, харуиду фуруши молҳои саноатӣ аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монда шуданд.

Дар мавриди масоҳати нуқтаи фаъолияти соҳибкории 15м$^2$ будан, Шуморо зарур аст, ки на дертар то санаи 1 июли соли 2022 ба нозироти андози маҳалли қайди худ муроҷиат намуда, гуруҳи фаъолияти худро тариқи гузариш ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус аз рӯи банди 5 ба роҳ монда, пардохти маблағи андозҳоро дар шакли устувор ба буҷет пардохт намоед.

**8. Савол?**

Мо айни замон ба хариду фурӯши донагиҳо (меваи хушк) машғул мебошем, то ин дам бо патент дар растаҳо фаъолият мекардем, аз рӯи тартиби минбаъда мо низ бо шаҳодатнома бо шарти махсус мегузарем ва ё бо патент боқӣ мемонем?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки мутобиқ ба тартиби нав хариду фурӯши донагиҳо (меваи хушк) аз номгӯи фаъолиятҳои соҳибкории бо патент амалишаванда хориҷ гардида, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монда шуда, чунин соҳибкорон минбаъд андозҳоро аз рӯи натиҷаи фаъолият вобаста ба даромади бадастоварда ҳисоб ва ба буҷет пардохт менамоянд.

**9. Савол?**

Даромади умумии соҳибкороне, ки тариқи шаҳодатнома бо шарҳои махсус фаъолияткунанда 500,0 ҳазор сомонӣ муқаррар гардидааст, бо мақсади муайян намудани ҳадди даромад аз ҷониби мақомоти андоз кадом корҳои назоратӣ гузаронида шуда ва кадом роҳҳо муайян карда мешавад?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ даромади умумии соҳибкорони инфиродии аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар як соли тақвимӣ 100,0 ҳазор сомонии қаблӣ ба 500,0 ҳазор сомонӣ зиёд карда шуд.

Бо мақсади муайян намудани ҳадди даромад (500,0 ҳазор сомонӣ) қабл аз ҳама тибқи талаботи моддаи 85 Кодекси андоз соҳибкорони дар нуқтаҳои статсионарӣ фаъолияткунанда уҳдадор гардидаанд, ки аз ДНХ истифода намоянд. Истифодаи ДНХ аз ҷониби соҳибкорони мазкур ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки ҳадди даромад барои мақсадҳои гузариш ба шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ зери назорат қарор дода шавад.

Дар баробари ин, ҳангоми пайдо гардидани шубҳа ва ё ошкор гардидани эҳтимолияти пинҳонкунии манбаҳои андозбандишаванда мақомоти андоз метавонад, тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори мазкур (ба истиснои санҷишҳои сайёри андоз) дар фаъолияти чунин соҳибкорон дигар корҳои таҳлилию назоратиро тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ намояд.

**10. Савол?**

Оё фаъолияти соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар рафти фаъолият, ҳангоми гузариш ба дигар шакли андозбандӣ ва ё ҳангоми барҳамдиҳӣ аз ҷониби мақомоти андоз тахти санҷиши андозӣ қарор мегирад?

**Ҷавоб:**

Тибқи талаботи Кодекси андоз ва бо назардошти муқаррароти қонунгузорӣ дар давраи фаъолият, ҳангоми гузариш аз низоми патентӣ ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус инчунин, ҳангоми қатъи барҳамдиҳӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус санҷишҳои андозӣ гузаронида намешаванд.

**11. Савол?**

Ман ба истеҳсоли ҳасиб тариқи шаҳодатнома машғул мебошам, оё минбаъд фаъолиятамро ман ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монам ё тариқи шаҳодатнома?

**Ҷавоб:**

Мутобиқ ба талаботи банди 45 Қоидаҳои мазкур фаъолияти минбаъдаи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда дар баробари дигар намуди фаъолиятҳо аз ҷумла, фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ новобаста аз ҳаҷми даромад аз санаи ташкилшавӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли ҳасиб ба гуруҳи молҳои саноатӣ дохил гардида, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

12. **Савол?**

Имтиёзҳои шаҳодатнома бо шартҳои махсус нисбат ба патентро шарҳ медодед. Дар шаҳодатномаи махсус чи имтиёзҳо пешбинӣ карда шудааст?

**Ҷавоб:**

Тибқи муқаррароти банди 21 қарори мазкур ҳангоми бо сабабҳои узрнок фаъолият накардан аз ҷумла, ҳангоми бемории бистарӣ, дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, рух додани сӯхтор ва офатҳои табиӣ дар маҳалли фаъолият, бо санади судӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва (ё) дар изолятор (тавқифгоҳ)-и тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ва ҷорӣ гардидани карантин дар маҳалли фаъолият андозҳо барои патент дар ин давра пардохт карда намешаванд.

Инчунин, аз лаҳзаи вафоти соҳибкори инфиродӣ, эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ оид ба бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф гардидани соҳибкори инфиродӣ (дар сурати набудани вориси ҳуқуқӣ), маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ андозҳо барои патент пардохт карда намешаванд.

Илова ба ин, барои соҳибкори инфиродие, ки пардохти маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо дар назар доштани индексатсия) таъмин менамоянд, маблағи умумии пардохт ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки имтиёзҳои пешбинишуда дар баробари ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда татбиқ гардида инчунин нисбат соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда низ татбиқ мегардад.

13. **Савол?**

Барои патент, ки даромади онҳо то 200 ҳазор сомонӣ муайян карда шудааст ба кадом намуди фаъолиятҳо мувофиқ мебошад?

**Ҷавоб:**

Мутобиқ ба замимаи 1 Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз рӯи 18 адад номгӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патентро доро мебошанд.

Барои дастрас намудани номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент амалишаванда ва андозаҳои пардохт барои онро вобаста ба коэфисетҳои минтақавӣ Шумо метавонед, аз сомонаи Кумитаи андоз (wwwandoz.tj), бахши қонунгузорӣ истифода намуда ва ё бо роҳи муроҷиат ба нозироти андози маҳалли қайд онро дастрас намоед.

14. **Савол?**

Дар сурати сари вақт пардохт накардани маблағи андози шаҳодатнома бо шартҳои махсус фоизҳо барои ин давра ҳисоб карда мешавад?

**Ҷавоб:**

Тибқи муқаррароти бандҳои 20 ва 33 Қоидаҳои мазкур аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, андозҳо мустақилона бо тариқи пешпардохт то санаи 5-уми моҳи ҷорӣ барои як моҳ ё якчанд моҳи минбаъда бояд ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт карда шавад.

Дар ҳолати риоя нагардидани муҳлати муқарраршуда маблағи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда барои ҳар моҳи тақвимӣ ба таври автоматӣ ҳисоб карда мешавад.

15. **Савол?**

Зарурият дар чи буд, ки патент ба шаҳодатнома бо шарти махсус гузаронида шуд, ҳол он, ки маблағи шаҳодатнома бо шартҳои махсус низ дар шакли устувор муқаррар гардида бошад?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти мавҷуд будани мушкилиҳо дар самти баҳисобгирии маблағҳои хариди мол, кор ва хизматрасониҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидори дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда, ки маблағи хариди онҳо қаблан ҳангоми ҳисоби андоз аз даромад (фоида) хароҷотҳо вобаста ба хариди мол аз соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ба инобат нагирифтан, мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин таклифу пешниҳодҳои соҳибкорон, сармоягузорон ва дигар ассотсиатсияҳои соҳибкориро ба инобат гирифта дар қонунгузорӣ тартиби андозбандӣ аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус бо афзалиятҳои иловагӣ ба соҳибкорон пешбинӣ карда шуд.

16. **Савол?**

Музди меҳнат барои соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус бояд чи қадар бошад, оё ягон меъёри муайян вуҷуд дорад?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2019 сар карда андозаи ҳадди ақкали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 400,0 сомонӣ муқаррар гардида, ин нишондод аз 1 июли соли 2022 ба андозаи 600 сомонӣ баробар карда шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба корманди кироя худ ҳадди ақкали музди меҳнатро пардохт намояд, музди меҳнат бояд воқеъбинона ва бо дарназардошти вазъи имрузаи бозорӣ муайян карда шавад.

17. **Савол?**

Ман корманди кирояро аз рӯи шаҳодатномаи махсус як ё ду моҳ дар мавсимҳои алоҳидаи сол истифода менамоям, бояд то охири сол бояд барои он коргар андоз супорам?

**Ҷавоб:**

Тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми истифодаи корманди кироя Шуморо зарур аст, ки барои иҷрои кор бо чунин корманд шартномаи меҳнатии муҳлатнок ба имзо расонида, нусхаи онро ба нозироти андози маҳалли қайди худ пешниҳод намоед, дар сурати ба анҷом

расидани муҳлатати шартномаи меҳнатӣ ва ё пеш аз муҳлат қатъ намудан ҳатман бо ариза мақомоти андози маҳалли қайди худро расман огоҳ намоед.

**18. Савол?**

Оё соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандае, ки ба истеҳсоли хишти блок машғул мебошанд, гузариши онҳо низ ба шахси ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст?

**Ҷавоб:**

Мутобиқ ба талаботи банди 45 Қоидаҳои мазкур фаъолияти минбаъдаи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда дар баробари дигар намуди фаъолиятҳо аз ҷумла, фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ новобаста аз ҳаҷми даромад аз санаи ташкилшавӣ минбаъд дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд.

Бинобар ин, ҳангоми ба истеҳсоли хишти блок машғул гардидан Шумо уҳдадоред, ки фаъолияти минбаъдаи худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монед.

**19. Савол?**

Муҳлати иваз намудани варақаи патент то кай муайян карда шудааст?

**Ҷавоб:**

Тибқи муқаррароти банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти онҳо ба қарори мазкур мутобиқат намекунад, уҳдадоранд то 1 июли соли 2022 ба мақомоти андози маҳалли қайди худ муроҷиат намуда, фаъолияти соҳибкории худро ба тартиби нав мутобиқ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки иваз намудани шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани гуруҳи фаъолият ба тартиби нав дар мақомоти андоз ройгон анҷом дода мешавад.

**20. Савол?**

Ман нафақур мебошам ва ҳуҷҷати соҳибкори дар номи худам мебошад, баъд аз нисфирузӣ писарам ба ҷойи ман фаъолият мекунад ман бояд бо фарзанди худ шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонам?

**Ҷавоб:**

Зимнан қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи муқаррароти моддаи 1 Кодекси андоз мафҳумҳо ва истилоҳоти қонунгузории гражданӣ, оилавӣ ва соҳаҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Кодекси мазкур истифода шудаанд, бо ҳамон маъное фаҳмида мешаванд, ки дар ҳамин соҳаҳои қонунгузорӣ истифода мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 16 Кодекси андоз шахси воseie, ки кори кирояро иїро карда буд, иїро карда истодааст ё минбаъд иїро мекунад, дар Кодекси андоз «корманд» ва шахсе, ки іassи хизматрасонии чунин шахсро мепардозад «корфармо» номида мешавад ва чунин пардохт «музди меінат» ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, барои мақсадҳои андозбандӣ Шуморо зарур аст, ки дар ин хусус шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонида, нусхаи онро ба нозироти андози маҳалли қайди худ пешниҳод ва пардохти маблаҒи андозҳои ҳисобшавандарон барои давраи дахлдор ба буҷет таъмин намоед.

**22.Савол?**

Дар сурати коргари кироя то нисфирузӣ фаъолият намояд оё ба ӯ ба кадом андоза музди меҳнат бояд дар эъломияҳои андоз нишон диҳем?

**Ҷавоб:**

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 191 Кодекси андоз дар ҳолате, ки агар шахси воқеӣ камтар аз шонздаҳ рӯзи тақвимӣ дар давоми моҳ корманди кироя бошад, пас ҳангоми муайян намудани даромади андозбандишавандаи корманд тарҳи шахсӣ анҷом дода намешавад.

Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 71 Кодекси меҳнат вақти нопурраи корӣ бо созиши байни корманд ва корфармо ҳангоми қабул ба кор ва дар давоми кор рӯзи нопурра бо пардохти музди меҳнат вобаста ба ҳаҷми истеҳсол ё мутаносибан ба вақти корӣ муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми ҷорӣ намудани низоми вақти нопурраи корӣ давомнокии вақти корӣ наметавонад, аз нисфи меъёри моҳонаи вақти корӣ камтар ва музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар бошанд.

Яъне, тибқи муқаррароти зикргардида новобаста аз рӯзи нопурра ва давомнокии кор корфармо уҳдадор мебошад, ки на камтар аз музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи қонунгузорӣ музди меҳнатро барои корманд муқаррар намуда, дар навбати худ ҳамчун агенти андоз андозҳоро тибқи талаботи моддаҳои 183 ва 332 Кодекси андоз ҳисоб ва сари вақт ба буҷети дахлдор гузаронад.

**23. Савол?**

Ман ба фуруши мебел машғул ҳастам оё фаъолияти ман низ ба шахси ҳуқуқӣ гузарам?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи банди 45 Қоидаҳои мазкур фаъолияти минбаъдаи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда дар баробари дигар намуди фаъолиятҳо аз ҷумла, фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои мебелсозӣ ва истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ новобаста аз ҳаҷми даромад аз санаи ташкилшавӣ минбаъд дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати ба истеҳсоли мебел ва ё ташкили корҳои мебелсозӣ машғул нагардидан, дар мавриди танҳо ба фуруши мебел машғул гардидан гузариш ба шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст, бинобар ин Шумо метавонед фаъолияти минбаъдаи худро аз рӯи шаҳодатнома идома диҳед.

**24. Савол?**

Ман тибқи патент кор мекунам, барои бархурдор гардидан аз имтиёзҳо маблағи патентро 3 моҳ пешакӣ пардохт намудам, ҳангоми гузаштан ба дигар шакли андозбандӣ маблағи пешакӣ пардохтнамудаи ман оё бекор мешавад?

**Ҷавоб:**

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми мутобиқ намудани гуруҳи фаъолият аз рӯи патент ва ё ҳангоми гузаштан аз патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус уҳдадории то лаҳзаи гузариш ба миёномада аз ҷумла, маблағи бақия ва изофапулиҳо дар варақаҳои ҳисоббаробаркуниҳои шахсии субъекти навтаъсис ба инобат гирифта мешаванд.